ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология

Диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло ба яке аз мавзӯъҳои мубрами соҳаи физиология ва биохимияи тиббӣ, тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст. Пандемияи COVID-19 дар таърихи инсоният бори аввал рух дода, боиси марги зиёди аҳолии руйи замин гардид. Сарзании чунин бемориҳо мутахассисони соҳаҳои гуногунро водор менамояд, ки сари вақт хусусиятҳои таъсири барангезандаҳои бемориҳои сироятии зудпаҳншаванда ва таъғйиротҳои равандҳои физиологӣ ва биохимиявиро, ки дар организми беморон ба вуҷуд меоянд ва боиси оризаҳо ва марги онҳо мегарданд мавриди омӯзиши саривақтӣ қарор дода роҳҳои бартарафсозии онҳоро муайян намоянд. Таҳқиқоти муаллиф солҳои пандемияи беморӣ оғоз гардида, муаллиф дар беморони COVID-19 вобаста аз ҷараёни вазнинии он таъғйиротҳои лабораторӣ ва халалдоршавии вазифаҳои физиологии узвҳои ҳаётан муҳими беморонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муаллиф таъғйирёбии таркиби газҳои хуни шараёниро мавриди омӯзиш қарор дода, пастшавии миқдори оксиген ва баландшавии миқдори дуоксиди карбонро дар хун, ки бинобар сабаби илтиҳоби шушҳо ба вуҷуд омадааст ва ба ташаккули атсидоз оварда мерасонад муайян намудааст. Таҳқиқи системаи лахташавии хун баландшавии нишондиҳандаҳои лабораторияи лахташавии хунро муайян намудааст, ки боиси гиперкоагулятсияи хун мегарданд. Дар беморон баландшавии нишондиҳандаҳои формулаи лейкотситарӣ, ки барои илтиҳоб ва пайвастшавии флораи дуюминдараҷа хос мебошад муайян карда шудааст. Дар беморон пастшавии миқдори электролитҳо, аз ҷумла калтсий, калий ва натрий ва баландшавии фаъолнокии ферментҳои аминотрансферазаҳо муайян карда шудааст, ки аз вайроншавии фаъолияти узвҳои ҳозима дарак медиҳад.

Таъғйиротҳои дар натиҷаи таҳқиқот дар беморон ошкоргашта барои соҳаи физиология, биохимияи тиббӣ ва соҳаи тиб муҳим буда, дар ҷараёни ташхису табобати беморон метавонанд васеъ истифода бурда шаванд.

Таҳқиқоти илмӣ аз ҷиҳати илмӣ ва иқтисодӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Сари вақт ошкор намудани тағйиротҳои физиологӣ ва биохимиявӣ дар организми беморон барои пешгирии саривақтии оризаҳо ва инчунин харочотҳо барои ташхису таҳлилҳои такрориро камтар менамояд.

Пешгирӣи оризаҳои вобаста ба вайроншавии функсияҳои физиологии узвҳои ҳаётан муҳим имкон медиҳад, ки харҷи доругиҳо ва дигар маводи сарфшаванда барои табобати беморон кам карда шавад. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд дар соҳаи физиология, биохимия ва тиб васеъ истифода бурда шаванд.

Дар баробари натиҷаҳои мусбат, ҳангоми омӯзиши автореферат баъзе камбудиҳо ба монанди мавҷудияти хатогиҳои грамматикӣ, ки ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд муайян карда шуданд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои тиб,
ходими калони илмии МД “Пажӯҳишгоҳи
тибби профилактикии Тоҷикистон” Юсуфзода Ю.Ю.
«17» 11 2026с.

Суроға:
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Н. Муҳаммад Х.1/3, Ҳ34
Тел: (+992) 939999026
yunus.mirzoaliev@gmail.com

Имзои Ю.Ю. Юсуфзода-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои МД “ПТПТ” Аббосова М.
«17» 11 2026с.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға:
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Шевченко, 61
Тел: (+992 37) 221-56-05
tajikprofmed@mail.ru